Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзӯи «Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ**

Рисолаи диссертатсионии Алишери Амирхон ба яке аз масъалаҳои муҳими назариявию методологӣ ва амалии илмҳои таърих бахшида шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон аз рӯзҳои аввали ба даст даровардани истиқлолият дар соли 1991 дар риштаи фарҳанг ба мушкилот дучор гардид. Ин амр бастагӣ дошт бо фурӯпошии ИҶШС ва ба бухрон дучор гардидани ҷумҳурӣ. Ин вазъи ногуворро сар задани ҷанги шаҳрвандӣ боз ҳам бухронитар намуда, бар асари ин ҳаводиси ногувор ҳаёти фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ, бахусус дар вилояти Хатлон, ки макони асосии сар задани нооромиҳо буд, фалаҷ намуд. Аммо, новобаста ба ин мушкилот Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи фарҳангро яке аз самтҳои муҳими фаъолияти худ шуморида, то ҳадди имкон барои рушди фарҳанг чораандешӣ намуда, барои беҳтар намудани вазъи фарҳангии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул намуд.

Ба анҷом расидани ҷанги шаҳрвандӣ, ба тадриҷ ба сӯи оромӣ гаравидани вазъи сиёсӣ ва рушди нисбии иқтисодиёт ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод то барои муътадил гардидани ҳаёти фарҳангӣ маблағҳои зарурӣ ҷудо намояд. Бо дарёфти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун дар ҳудуди вилояти Хатлон, бахсус осебдидатарин

минтақаи он-водии Вахш иншооти фарҳангӣ, пеш аз ҳама макотиби харобгардида аз нав барқарор карда шуда, барои пешрафти тамоми риштаҳои фарҳанг дар вилоят чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Зимни таҳқиқоти илмии Алишери Амирхон таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва маводҳои бойгонӣ вазъи соҳаи фарҳанг ва рушди онро дар даврони соҳибистиқлолӣ нишон додааст.

Мубрамияти таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи мазкур то ҳол дар таърихнигории илмии таърихи халқи тоҷик объекти алоҳидаи таҳқиқот қарор нагирифтааст, ки илми таърихи ватанӣ дар замони ҳозира марҳилаи аз нав арзёбии бисёр далелҳо ва воқеаҳоро аз сар мегузаронад, ки муаллиф бо дастрасии маводҳои қаблан дастнорас, махсусан ҳуҷҷатҳои дар бойгонӣ маҳфузбударо дастрас намуда, дар муқоиса бо маводҳои қаблан нашршуда мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар таҳлилу баррасии диссертатсия муаллиф ҳолати фарҳангии яке аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои соҳибистиқлолӣ нишон дода, ба таври возеҳ баррасӣ намудааст.

Навоварӣ ва мустақилияти фикрӣ, эҷодкорӣ дар ҳама бахшҳои рисолаи илмӣ ба назар мерасад. Хулосаҳои муаллиф дар ҳамаи қисмҳои диссертатсия ҷолиби диққат ва шоёни таҳсин аст. Рисола аз ҷиҳати усулҳои илмӣ, мантиқӣ, услубӣ ва имлоӣ ба талаботи лозима ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Алишери Амирхон ки дар мавзӯи «Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ ва муалифи он Алишери Амирхон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 -Таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

**Мудири кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”,**
**доктори илмҳои таърих, дотсент:** **Алимов Д.Х.**

Имзои доктори илмҳои таърих, дотсент
Алимов Д.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ “ДДБ ба номи
Носири Хусрав”: Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар , кӯчаи Айнӣ 67,
МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав”,
Тел: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu. tj, E-maiI: ktsu 78@ maiI.ru